**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», д.и.и., профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
______________________________
«__» __________ соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Дар омода шудани диссертатсияи унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» пойгоҳи асосӣ ба шумор меравад.

Шоҳзода Гулнора Амриддин соли 2000-ум Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2019 то соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ фаъолият дорад.

Мавсуф аз соли 2005 омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Шоҳзода Г.А. дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.06.2018, суратмаҷлиси №11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии Шоҳзода Гулнора Амриддин номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сулаймон Анварӣ мебошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Шоҳзода Гулнора Амриддин аз 13-уми феврали соли 2025, №28-05 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 06.10.2025, №3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳои ҷузъӣ ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ ва муҳтавои он ба тартиби таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Ба маводи диссертатсия зимни таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи забони адабии тоҷик, бахусус саҳми Шамсиддини Шоҳин дар таърихи забони адабии тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои садаи XX ва арзишдоварии забони адабии тоҷик дар даврони Истиқлол метавон такя кард.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мувофиқат мекунад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар шакли маърузаву гузоришҳои илмӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар татбиқи масоили гуногуни забоншиносии муосир мувофиқ буда, хулоса ва натиҷагириҳои муаллифро метавон зимни таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор дод. Аз маводи диссертатсия зимни таҳияи курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Шеъри тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои садаи XX», «Гирд овардан ва гурӯҳбандӣ кардани аносири луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин», «Вожаҳои хосси гуфтори мардум дар шеъри Шамсиддини Шоҳин» ва «Ҳунари эҷодӣ ва маҳорати сухангустарии Шамсиддини Шоҳин дар забоншиносии тоҷик» метавон баҳрабардор буд. Инчунин дар раванди машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ вобаста ба забони адабии муосири тоҷик низ аз натиҷаҳои диссертатсия баҳраманд шудан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия

баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба махсусиятҳои луғавӣ-маъноии забон ва услуби ашъори Шамсиддин Шоҳин ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани вижагиҳои баёну маъниофарӣ ва саҳми адиб дар ташаккулу таҳаввули забони адабии ҳозираи тоҷик мушаххас мешавад.

Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд:

– Бандҳои 31-35-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 12 фасл, 22 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар маҷмуъ 185 саҳифаи чопи кампютериро дар бар мегирад.

Диссертант вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор намудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Шоҳзода Г. Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] /Г. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [маҷаллаи илмӣ]. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. №1/4 [68]. – С. 90-94.

2. Шоҳзода Г. Ҷойгоҳи мафҳуми сухан ва вожаҳои баёнгари он дар ашъори Шоҳин [Матн] / Г. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [маҷаллаи илмӣ]. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – №1/2 [98]. – С. 61-64.

3. Шоҳзода Г. Ҷойгоҳи луғати осори Шоҳин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [Матн] / Г. Шоҳзода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1 [266]. – 289-293.

4. Шоҳзода Г. Ҳунари Шамсиддин Шоҳин дар корбурди муродифҳо [Матн] / Г. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 111-119.

5. Анварӣ С., Шоҳзода Г. Вожаҳои иқтибосии баёнгари мафҳуми сухан [Матн] / С. Анварӣ, Г. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – № 3 [104]. – С. 93-99.

6. Анварӣ С., Шоҳзода Г. Ҳавзаҳои забонӣ ва таҳаввулоти луғавию маъноии вожаҳо/ Матн/ С.Анварӣ, Г. Шоҳзода// Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – 190 с.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

7. Шоҳзода Г. Вожаҳои бисёрмаъно дар ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоҳзода // Забон – ҳастии миллат (маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо». Бахшида ба 80-солагии номзади илми филология, дотсент Ҳуснигул Талбакова). – Душанбе, 2023. – 22 декабр.

8. Шоҳзода Г. Истифодаи унсурҳои забонии тасвир дар шеъри Шамсиддин Шоҳин [Матн] /Г. Шоҳзода // Конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои услубшиносӣ ва ҳусни баён: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 100-солагии номзади илми филология, дотсент Худойдод Ҳусейнов. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2024. – 29 октябр.

9. Шоҳзода Г. Нақши воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин [Матн] / Г. Шоҳзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳм ва нақши Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ», бахшида ба 1160-солагии донишманди бузург. – Бохтар, 2025. – С. 337-343.

## ҶАЛАСА ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-088-и

назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №5 аз 23-юми декабри соли 2025.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи
забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Назаров М.Н.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ: Раҳмонов М.Б.

Имзоҳои М. Назаров ва М. Раҳмоновро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Нажмидинов М.М.

«26» декабри соли 2025

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.ru